## ҶСК “СОҲИБКОРБОНК”

## АЗ ҶОНИБИ РОҲБАРИЯТ ТАСДИҚ КАРДАНИ МАСЪУЛИЯТ ҶИҲАТИ ОМОДА НАМУДАН ВА ТАСДИҚ КАРДАНИ ҲИСОБОТИ МАҶМУИИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2018 АНҶОМ ЁФТ

Тасдиқоти дар поён овардашуда, ки бояд бо тавсифи уҳдадориҳои аудиторони мустақил якҷоя баррасӣ гардад, барои гузоштани ҳудуд байни масъулияти аудиторони мустақил ва масъулияти роҳбарият нисбати ҳисоботи молиявии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Соҳибкорбонк» (минбаъд - «Бонк») ба амал оварда шудааст.

Роҳбарияти Бонк барои омодакунии ҳисоботи маҷмуии молиявӣ масъулият ба зимма мегирад, ки он вазъи молиявӣ, натиҷаҳои фаъолият, гардиши воситаҳои пулӣ ва тағйироти дар сармояи Бонк баамаломадаро дар давоми соле, ки 31 декабри соли 2018 анҷом ёфтааст, мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд - СБҲМ) ба таври воқеъбинона ва ҳамаҷиҳата инъикос намудааст.

Дар рафти омодакунии ҳисоботи маҷмуии молиявӣ роҳбарият барои иҷроиши корҳои зерин масъулият ба зимма мегирад:

- интихоби принсипҳои муносиби баҳисобгирии муҳосибӣ ва истифодаи пайдарҳами онҳо;
- истифодаи баҳогузорӣ ва ҳисобу китоби асоснок;
- риояи талаботҳои СБҲМ; ва
- омодакунии ҳисоботи маҷмуии молиявӣ аз нуқтаи назари имконпазирии фарзияе, ки Бонк фаъолияти худро дар оянда низ давом дода метавонад (ба истисноi ҳолатҳое, ки амалидошти чунин фарзия бо қонун манъ карда шудааст).

Роҳбарият барои иҷроиши корҳои зерин низ масъулият ба зимма мегирад:

- таҳияву татбиқ кардан ва таъмин намудани амалкарди самаранок ва боэътимоди низоми назорати дохилӣ дар Бонк;
- истифода намудан аз низоми баҳисобгирии муҳосибие, ки имкон медиҳад ҳар лаҳза дар бораи вазъи молиявии Бонк маълумоти ба дараҷаи кофӣ аниқ омода гардида, мутобиқати ҳисоботи молиявӣ ба талаботи СБҲМ таъмин карда шавад;
- бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ дар мувофиқа бо қонунгузорӣ ва стандартҳои баҳисобгирии муҳосибии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботҳои Бонки миллии Тоҷикистон;
- ҷиҳати таъмини ҳифзи дороиҳои Бонк дар доираи салоҳияти худ чораандешӣ намудан; ва
- ошкор намудан ва пешгирӣ кардани ҳодисаҳои қаллобиву фиребгарӣ, хатоҳо ва сӯиистифодабариҳо.

Ҳисоботи маҷмуии молиявии мазкур барои соле, ки 31 декабри соли 2018 анҷом ёфтааст, аз ҷониби Роҳбарияти Бонк дар таърихи 3 апрели соли 2019 тасдиқ карда шуд.

**Аз номи Роҳбарияти Бонк**

| | |
|---|---|
| **Зардов Шерали** | **Давлатов Фаррух** |
| **Директори Генералӣ** | **Директори Молиявӣ** |
| 3 апрели соли 2019 | 3 апрели соли 2019 |
| ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон |

bakertilly
Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, 734025
куч. Пушкин 10, офиси 207
Т: + 992 (44) 600 46 55
contact@bakertilly.tj
www.bakertilly-ca.com

## ҲИСОБОТИ АУДИТОРОНИ МУСТАҚИЛ

Ба Саҳомон ва Роҳбарияти ҶСК «Соҳибкорбонк»:

**Ақидаи аудитор бо эзоҳ**

Мо аудити ҳисоботи маҷмуии молиявии замимагардидаи Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Соҳибкорбонк» (минбаъд - Бонк)-ро ба амал овардем, ки он ҳисоботҳои зеринро дар бар мегирад: ҳисобот оиди вазъи молиявӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2018, ҳисобот оиди фоида ва зарар ва маҷмӯи даромадҳои ғайр, ҳисобот оиди тағйиротҳо дар сармоя ва ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ дар давоми соле, ки дар таърихи зикргардида ба анҷом ёфтааст; инчунин ҳисоботи мазкур ошкоркунии принсипҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ ва тавзеҳоти дигарро дар бар мегирад.

Аз рӯи ақидаи мо, ба истиснои зарур будани тавзеҳот дар мавриди мавҷуд будани маълумоти умумӣ оиди саволҳои дар қисмати замина барои ақида бо эзоҳ овардашуда, ҳисоботи молиявии замимашаванда вазъи молиявии Бонкро ба ҳолати 31 декабри соли 2018, инчунин натиҷаи фаъолият ва ҳаракати воситаҳои пулиии онро дар соле, ки дар санаи ишорагардида анҷом ёфтааст, мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) ба таври эътимодбахш ва ҳамаҷониба инъикос намудааст.

**Замина барои акида бо эзоҳ**

Ба ҳолати 31 декабри соли 2018 дар ҳисобот оиди вазъи молияви Бонк қарзҳо ба мизоҷонро дар ҳаҷми 34,080 ҳазор сомонӣ пешниҳод менамояд, ки дар дохили он захира оиди бекурбшавии қарзҳои ба мизоҷон додашударо ба маблаги 15,239 ҳазор сомонӣ дар асоси низомномаи Бонки миллии Тоҷикистон, ки он аз Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ фарк мекунад, хисоб мекунад. Бонк модели нави арзёби ва эътирофи талафоти қарзҳои ба мизоҷон додашударо мутобиқи СБХМ 9 татбик накардааст. Гузаронидани тахлили аудит барои арзёби ва эътирофи талафоти карзхои ба мизочон додашуда мутобики СБХМ 9 гайриимкон буд. Дар натиҷаи ин масъалаҳо мо зарурияти тасхехро нисбати баҳодиҳии қарзҳо ба ҳолати 1-уми январи соли 2018 ва 31-уми декабри соли 2018 тибки СБХМ муайян кардан натавонистем.

Ба ҳолати 31-уми декабри соли 2018 дар ҳисобот оиди вазъи молиявии Бонк бақия дар суратҳисоби муросилотӣ дар бонки ҶС «Траста Комерсбанк» (Латвия) дар ҳаҷми 14,430 ҳаз. сомонӣ вуҷуд доштанд. Бонки Марказии Аврупо (ЕЦБ) бо ташаббуси Комиссияи бозори молиявӣ ва сармояи Латвия қарор оиди бекор намудани иҷозатномаи ҶС «Траста Комерсбанк»-ро қабул кард, ки он санаи 3-уми марти соли 2017 эътибор пайдо намуд. 14-уми марти соли 2017 Суди ноҳияи Видземи Рига қарор оиди барҳам додани ҶС «Траста Комерсбанк»-ро қабул намуд. Қарор ниҳоӣ буд ва ба мақомотҳои боло шикоят кардан мумкин набуд. Ба ҳолати 31-уми декабри солҳои 2018 ва 2017 маблағи мазкур дар ҳачми 9,700 ҳаз. сомонӣ дар ҳисобот оиди вазъи молиявӣ пурра инъикос шуда буд, ки ин ба талаботи стандарти СБҲМ 36 «Беқурбшавии дороиҳо» ҷавобгу нест. Ба фикри мо ба ҳолати санаи ҳисоботӣ асосҳои назаррас барои беқурбшавии дороиҳои мазкур вуҷуд доштанд.

Мо аудитро мутобиқи Стандартҳои байналмилалии аудит ба амал овардем (минбаъд – "СБА"). Масъулияти мо мутобиқи ин стандартҳо минбаъд дар ақидаи мо дар қисмати "Масъулияти аудиторон нисбати ҳисоботи молиявӣ" шарҳ дода мешавад. Мо аз Бонк тибқи "Кодекси одоби муҳосибони касбӣ"-и Шӯрои стандартҳои байналмилалии одоби муҳосибон (минбаъд "Кодекси ШСБОМ") ва талаботҳои одобие, ки ба аудити мо нисбати ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл дорад, мустақил мебошем ва дигар ӯҳдадориҳои одобиро тибқи ҳамин талаботҳо ва кодекси ШСБОМ иҷро намудем. Мо гумон дорем, ки далелҳои аудитории дастраснамудаи мо кифояанд, то ин ки мо дар бораи ҳисоботи молиявии мазкур ақидаи худро бо эзох ифода карда тавонем.

**Масъулияти роҳбарият ва шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ ва ҳисоботи молиявӣ**

Роҳбарият барои омодакунии ҳисоботи молиявӣ ва мутобиқати он ба СБҲМ масъулият ба зимма дорад. Масъулияти мазкур инҳоро дар бар мегирад: таъсис додан, татбиқ намудан ва дастгирӣ кардани назорати дохилӣ аз рӯи омодакунӣ ва аниқу воқеӣ пешниҳод кардани ҳисоботи молиявӣ бидуни таҳрифи назаррасе, ки дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва хатоҳо ба амал омада бошанд. Дар омодакунии ҳисоботи молиявӣ рохбарият оиди бахогузории қобилияти Бонк барои фаъолияти катънашаванда, ошкоркунии масъалаҳои ба фаъолияти катънашаванда татбиқкунанда, истифодаи принсипҳои асосии баҳисобгирии Бонкҳои фаъолияташон катъначашаванда масъулиятнок мебошад, танҳо ба истисноии мавридхое, ки рохбарият нияти барҳамдихии Бонк, катъ намудани амалиётҳо ё бе мавҷудияти ягон асоси воқеӣ ба ҳамин тавр рафтор карданро дошта бошад. Шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ ҳамчунин барои назорати ҷараёни ҳисоботи молиявии Бонк масъулиятнок ба ҳисоб мераванд.

**Масъулияти аудиторон нисбати аудити ҳисоботи молиявӣ**

Мо аудитро бо мақсади ба даст овардани эътимоди қавӣ бобати он ки ҳисоботи молиявӣ таҳрифоти назаррас надорад, амалӣ намудаем ва хисоботи молиявии ки акидахои моро иброз менамоянд, пешниход менамоем. Боварии қатъӣ сатҳи баланди боварӣ мебошад, лекин кафолат намедихад, ки аудит дар асоси СБА хамеша тахрифоти назаррасро ошкор месозад. Таҳрифоти назарраси ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва ё содир намудани хатоҳо ба амал омада, дар мавриде назаррас ҳисобида мешавад, агар онҳо дар алохидагӣ ё ҳамбастагӣ тавонанд ба қарорҳои иқтисодии шахсони ба таҳияи ҳисоботи молиявӣ машғул буда, таъсир расонанд

Дар доираи гузаронидани аудит мутобиқи СБА мо тибқи доварии касбӣ амал намуда, скептисизми касбиро дар тамоми муддати тафтиши аудиторӣ таъмин менамоем. Мо инчунин:

- таҳрифоти назаррас дар хисоботи молиявӣ, ки дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва хатоҳо ба амал меоянд муайян ва бахоргузорӣ намудем, расмиёти аудити ба чунин хавфҳо ҷавобгӯро таҳия ва иҷро намудем, инчунин далелҳое, ки барои ифода намудани акидаи аудиторӣ кофӣ ва заруранд дастрас намудем. Хавфи муайян накардани таҳрифоти назаррасе, ки дар натиҷаи роҳ додан ба хатогиҳо, инчунин, сӯиистифодаи молиявӣ ба миён меоянд, метавонад маслиҳатӣ, сохтакорӣ, таҳрифоти қасдан, ё пешгӯии назорати дохилиро дар бар гирад;
- фаҳмиши назорати дохилии марбут ба аудитро бо мақсади таҳияи тартиби аудити шароити мувофиқ, на бо мақсади изҳори андеша оид ба самаранокии назорати дохилӣ Бонк, дастрас намудем;
- бамавқеъ будани сиёсати баҳисобгирии истифодашаванда, асоснок будани амалҳои роҳбарият ва баҳогузории пешниҳоди ҳисоботи молиявиро арзёбӣ намудем;
- доир ба мувофиқи мақсад истифода намудани асосҳои баҳисобгирии фаъолияти катъншаванда аз тарафи роҳбарият дар асоси далелҳои аудит ба даст оварда шуда, мавҷудияти номуайянии моддӣ вобаста ба воқеаҳо ва ё шароитхое, ки метавонанд шубҳаи назаррасро оиди қобилияти Бонк ба фаъолияти катъншаванда ба миён андозанд хулосадиҳӣ намудем. Агар мо оиди мавчудияти номуайянии моддӣ хулоса барорем, ба мо лозим аст дар ҳисоботи аудитории худ диққатро доир ба эзоҳоти марбут ба ҳисоботи молиявӣ талаб намоем, ё дар мавриди нокифоя будани эзоҳоти марбут, андешаи худро тағйир диҳем. Хулосаҳои мо бо далелҳои аудитории дастраснамуда ба санаи пешниҳоди ҳисоботи аудиторӣ асос ёфтаанд. Бо вуҷуди ин, воқеаҳо ва ё шароитҳои оянда метавонанд сабабгори ба итмом расидани фаъолияти катъншандаи Бонк гарданд;
- пешниҳоди умумӣ, сохтор ва мазмуни ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла эзоҳотро арзёбӣ намудем ва мувофиқаткунии пешниҳоди амалиётҳои асосӣ ва чорабиниҳо аз тарафи ҳисоботи молиявиро нисбат ба пешниҳоди одилона муайян намудем.

Мо бо шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ дар доираи нақша ва мӯҳлати гузаронидани санҷиш ва хулосаҳои назарраси аудит, аз ҷумла ҳар гуна камбудиҳои назаррас дар назорати дохилӣ, ки мо дар давоми аудит муайян кардем, муошират намудем.

Мо инчунин ба шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ далелҳои ичро намудани талаботҳои новобастагии худро тибқи талаботҳои одобӣ пешниход намуда, бо тамоми масъалаҳои дигари ба новобастагии мо дахлдор бо онҳо муошират намудем ва дар мавридҳои лозим кафолатҳои марбут пешниход намудем.

Далер Кабилов

Директор, ҶДММ «Бейкер Тилли Тоҷикистон»

Иҷозатномаи № 0000077, ки аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст ва иҷозатномаи №0000063, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дода шудааст.

3 апрели соли 2019
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҶСК "СОҲИБКОРБОНК"

## ҲИСОБОТИ МАҶМУӢ ОИДИ ФОИДА Ё ЗАРАР ВА ДАРОМАДИ ДИГАРИ МУШТАРАК БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2018 АНҶОМ ЁФТААСТ

*(бо ҳазор сомонии тоҷикӣ)*

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2018 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2017 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| Даромадҳои фоизӣ | 4 | 3,092 | 7,195 |
| Хароҷотҳои фоизӣ | 4 | (918) | (1,493) |
| ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗӢ ТО ТАШАККУЛЁБИИ ЗАХИРАҲО НИСБАТИ БЕҚУРБШАВИИ ДОРОИҲОЕ, КИ АЗ РӮИ ОНҲО ФОИЗҲО ҲИСОБ КАРДА МЕШАВАНД | | 2,174 | 5,702 |
| Ташаккули захира барои беқурбшавии дороиҳое, ки аз рӯи онҳо фоизҳо ҳисоб карда мешаванд | 7 | (5,687) | (5,306) |
| ДАРОМАДИ /(ЗАРАРИ) СОФИ ФОИЗӢ | | (3,513) | 396 |
| Даромадҳои комиссионӣ | 5 | 12,313 | 9,645 |
| Хароҷотҳои комиссионӣ | 5 | (2,250) | (2,689) |
| Даромади соф аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 6 | 17,922 | 17,898 |
| Ташаккули захираҳо оиди талафоти карзии воситахо дар бонкхо, системаи интиколи маблагхо ва карзхои шубханок | | 240 | - |
| Дигар даромадҳо, нетто | | 215 | 242 |
| ДАРОМАДҲОИ СОФИ ҒАЙРИФОИЗӢ | | 28,440 | 25,096 |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 8 | (26,984) | (19,987) |
| ФОИДА/(ЗАРАР) ТО АНДОЗ АЗ ФОИДА | | (2,057) | 5,505 |
| Хароҷоти андоз аз фоида | 9 | (445) | (1,404) |
| ФОИДА/(ЗАРАР) ДАР ДАВОМИ СОЛ | | (2,502) | 4,101 |
| Дигар даромади муштарак | | - | - |
| ҲАМАГӢ ДАРОМАДИ МУШТАРАК | | (2,502) | 4,101 |
| ФОИДА/(ЗАРАР) БАР САҲМИЯ | | (0.50) | 0.82 |

**Аз номи Роҳбарияти Бонк**

**Зардов Шералӣ**
**Директори генералӣ**

3 апрели соли 2019

ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Давлатов Фаррух**
**Директори молиявӣ**

3 апрели соли 2019

ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳотҳои дар саҳифаҳои 11-52 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд.
Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-5 оварда шудааст.

## ҶСК "СОҲИБКОРБОНК"

## ҲИСОБОТ ОИДИ ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ
## БА ҲОЛАТИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2018
*(бо ҳазор сомонии тоҷикӣ)*

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2018 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2017 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 10 | 22,666 | 14,909 |
| Воситаҳо дар бонкҳо | 11 | 12,737 | 35,400 |
| Қарзҳо ба мизоҷон | 12 | 15,239 | 21,999 |
| Сармоягузориҳо дар қоғазҳои қиматнок | 13 | 41,550 | 14,625 |
| Воситаҳои асосӣ | 14 | 14,875 | 18,235 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | | 184 | 207 |
| Дороиҳои андозии мавқуфгузошташуда | 9 | 2,823 | 769 |
| Дороиҳои дигар | 15 | 20,932 | 27,421 |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲО | | 131,006 | 133,565 |
| **ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | | |
| ӮҲДАДОРИҲО | | | |
| Амонатҳои мизоҷон | 17 | 44,205 | 51,381 |
| Воситаҳои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ | 16 | 8,245 | 6,540 |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 18 | 14,606 | 8,913 |
| | | 67,056 | 66,834 |
| САРМОЯ | | | |
| Сармояи оинномавӣ | 19 | 50,000 | 50,000 |
| Захираҳои умумӣ | | 1,361 | 1,361 |
| Захираи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ | | - | 4,910 |
| Фоидаи тақсимнашуда | | 12,589 | 10,460 |
| | | 63,950 | 66,731 |
| ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ | | 131,006 | 133,565 |

**Аз номи Роҳбарияти Бонк**

ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДА "СОҲИБКОРБОНК" / OPEN JOINT-STOCK COMPANY / ОТКРЫТОЕ АКЦИОНЕРНОЕ ОБЩЕСТВО

**Зардов Шералӣ**
**Директори генералӣ**

3 апрели соли 2019

ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Давлатов Фаррух**
**Директори молиявӣ**

3 апрели соли 2019

ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳотҳои дар саҳифаҳои 11-52 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд.
Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-5 оварда шудааст.

## ҶСК "СОҲИБКОРБОНК"

## ҲИСОБОТ ОИДИ ТАҒЙИРОТҲО ДАР САРМОЯ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2018 АНҶОМ ЁФТААСТ

*(бо ҳазор сомонии тоҷикӣ)*

| | Эзоҳ | Сармояи саҳҳомӣ | Захира оиди азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ | Захираҳои умумӣ | Фоидаи тақсимнашуда | Ҳамагӣ: |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Бақия ба 31 декабри с. 2016 (баррасишуда) | 19 | 40,000 | 4,910 | 1,361 | 6,359 | 52,630 |
| Афзоиши сармояи саҳомӣ | 19 | 10,000 | - | - | - | 10,000 |
| Фоида дар давоми сол | | - | - | - | 4,101 | 4,101 |
| Бақия ба 31 декабри с. 2017 | 19 | 50,000 | 4,910 | 1,361 | 10,460 | 66,731 |
| Натичаи татбики СБХМ 9 | 3 | - | - | - | (279) | (279) |
| Бақия ба 1 январи с. 2018 | 19 | 50,000 | 4,910 | 1,361 | 10,181 | 66,452 |
| Азруйхатгирии фонди азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ | | - | (4,910) | - | 4,910 | - |
| Зарар дар давоми сол | | - | - | - | (2,502) | (2,502) |
| Бақия ба 31 декабри с. 2018 | 19 | 50,000 | - | 1,361 | 12,589 | 63,950 |

**Аз номи Роҳбарияти Бонк**

**Зардов Шерали**
**Директори генералӣ**

3 апрели соли 2019

ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Давлатов Фаррух**
**Директори молиявӣ**

3 апрели соли 2019

ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳотҳои дар саҳифаҳои 11-52 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-5 оварда шудааст.

## ҶСК "СОҲИБКОРБОНК"

## ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2018 АНҶОМ ЁФТААСТ

*(бо ҳазор сомонии тоҷикӣ)*

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2018 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2017 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТӢ** | | | |
| Фоида то баҳисобгирии хароҷотҳои андоз аз фоида | | (2,057) | 5,505 |
| Тасҳеҳот оиди: | | | |
| Ҳаракат дар захираҳо оиди беқурбшавии карзхои ба мизочон додашуда | 7 | (5,687) | 5,306 |
| Истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | 8 | 2,882 | 1,110 |
| Ҳаракат дар захираҳо оиди беқурбшавии дороихои дарозмуддати барои фуруш нигохдошташуда | 8 | 103 | (2,554) |
| Ҳаракат дар захираҳо оиди талафоти карзии пешбинишуда оиди воситахо дар бонкхо | | (196) | - |
| Ҳаракат дар захираҳо оиди талафоти карзии пешбинишуда оиди системаи интиқоли маблагхо | | (25) | - |
| Ҳаракат дар захираҳо оиди қарзҳои шубҳанок | | (19) | - |
| Ҳаракат дар захираҳо оиди дигар дороиҳо | 8 | 4,695 | 2,186 |
| Ҳаракат дар захираҳо оиди рухсатии истифоданашуда | 8 | (781) | 260 |
| Зарар оиди аз ҳисоб баровардани воситаҳои асосӣ | 8 | 1,388 | 16 |
| Фарқияти қурбӣ оиди амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 6 | (779) | (2,115) |
| Даромади софи фоизӣ, нетто | 4 | (2,174) | (5,702) |
| Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то тағйиротҳо дар дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ | | (2,650) | 4,012 |
| Тағйиротҳо дар дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ | | | |
| Камшавии/(афзоиши) воситаҳои бонкҳо | | 8,309 | (2,767) |
| Камшавии қарзҳои ба мизоҷон пешниҳодшуда | | 7,855 | 8,384 |
| Камшавии/(афзоиши) дигар дороиҳо | | 2,492 | (986) |
| (Камшавии)/афзоиши амонатҳои мизочон | | (8,268) | (2,903) |
| (Камшавии)/афзоиши воситаҳои бонкҳо ва Бонкҳои молиявӣ | | 1,006 | 1,276 |
| Камшавии дигар ӯҳдадориҳо | | 6,372 | (3,691) |
| Воридшавии/ хориҷшавии) воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то андозбандӣ | | 15,166 | 3,325 |
| Фоизҳои бадастовардашуда | | 7,647 | 4,399 |
| Фоизҳои пардохтгардида | | (1,622) | (1,598) |
| Андоз аз фоидаи пардохтшуда | | (2,815) | (2,620) |
| Воридшавии/(хориҷшавии) софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ: | | 18,703 | 3,506 |

**ҶСК “СОҲИБКОРБОНК”**

## ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2018 АНҶОМ ЁФТААСТ (ДАВОМ)

*(бо ҳазор сомонии тоҷикӣ)*

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2018 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2017 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ** | | | |
| Фурӯши воситаҳои асосӣ | 14 | (80) | (290) |
| (Харид)/фуруши қоғазҳои қиматнок | | (26,107) | 17,246 |
| (Хориҷшавии) софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ: | | (26,187) | 16,956 |
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ:** | | | |
| Афзоиши сармояи оинномавӣ | 19 | - | 10,000 |
| Пардохти қарзҳои гирифташуда | | - | (6,234) |
| Воридшавии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ: | | - | 3,766 |
| Таъсири тағйирёбии қурби асъори хориҷӣ ба воситаҳои пулӣ бо асъори хориҷи | | (523) | 1,477 |
| АФЗОИШИ/(ХОРИҶШАВИИ) СОФИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО | | (7,484) | 24,228 |
| ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО, дар аввали сол | 10 | 40,312 | 14,607 |
| ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО, дар охири сол | 10 | 32,305 | 40,312 |

**Аз номи Роҳбарияти Бонк**

**Зардов Шералӣ**
**Директори генералӣ**

3 апрели соли 2019

ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Давлатов Фаррух**
**Директори молиявӣ**

3 апрели соли 2019

ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳотҳои дар саҳифаҳои 11-52 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд.
Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-5 оварда шудааст.